**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 4.07.2026, №26

Барои сазовор донистани **Шафоати Сангиҳмад** барои таълифи диссертатсия дар мавзуи **“Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи **“Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2026, таҳти №53/шд) 21-уми апрели соли 2026, суратмаҷлиси №9 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Шафоати Сангиҳмад 15-уми октябри соли 1991 дар ноҳияи Ҳамадонӣ ба дунё омадааст. Соли 2009 мактаби №16-и ноҳияи Ҳамадонӣ ва соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Аз соли 2012 то соли 2013 дар мактаби №25-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, солҳои 2014-2015 мактаби №16-и ноҳияи Ҳамадонӣ, солҳои 2015-2020 мактаби №49-и ҳамин ноҳия ва аз соли 2021 то инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият менамояд.

Шафоати Сангиҳмад бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28.10.2020, №411-05 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типологияи ҳамин Донишгоҳ қабул шуда, онро 20.12.2024, №505-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таърихи 30.03.2021, №7 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода санаи 18-уми феврали соли 2026, №249 ба диссертант шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмии **Шафоати Сангиҳмад** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Гулназарзода Жило Бурӣ** мебошад.

**Муқарризони расмӣ: Раҳмон Наргис Шариф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ, номзади илмҳои филологӣ **Иброимова Гуландом Наимовна**, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ **Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович**, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ **Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич** имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор **Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло** пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи **Шафоати Сангиҳмад** дар мавзуи **"Семантикаи воҳидҳои**

**луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)”** ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М]. Шафоати, С.** Вожаҳои мутазод дар осори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – №4 (48). – С. 68-76.

**[2-М].** Гулназарзода, Ж.Б., **Шафоати, С.** Заминаҳои ташаккулу рушди маъно ва маъношиносӣ / Ж.Б. Гулназарзода, С. Шафоати // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. –№1 (57). – С. 185-189.

**[3-М]. Шафоати, С.** Вожаҳои ифодагари шуғлу мансаб ва касбу кор дар осори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи

илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – №2 (58). – С.180-183.

[4-М]. **Шафоати, С.** Омонимҳо (таҷнис) дар осори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №3-2 (40). – С. 323-329.

**II. Мақолаҳо дар дигар маҷмуа ва нашрияҳои илмӣ нашршуда:**

**[5-М]. Шафоати, С.** Серматъной дар ашъори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоаит // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни ДДЗТ ба номи С. Улуғзода таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот». – Душанбе, 2022. – С.53-58.

[6-М]. **Шафоати, С.** Вожаҳои муродиф дар ашъори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Забон – рукни тоат. – Душанбе, 2023. – №14. – С. 284-290.

[7-М]. **Шафоати, С.** Вожаҳои ифодагари хешу таборӣ дар ашъори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоат //Маводди илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ тахти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав». – Душанбе, 2024. – С. 156-160.

[8-М]. **Шафоати, С.** Вожаҳои ифодагари вақту замон дар ашъори Хоқонии Шервонӣ / С. Шафоати // Маводди илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ тахти унвони «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав». – Душанбе, 2024. – С.156-160.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Шарифова Гулчаҳон Мирзозарифовна** мусбат буда, ба автореферат се эрод манзур намудааст:

1. Муаллифи диссертатсия дар кори диссертатсионӣ ба масъалаи чанд миқдор омадани вожаҳо дар осори Хоқонӣ иброз надоштааст;

2. Дар рисола якчанд хатоҳои техникӣ, ба монанди: шаклҳои мухталифи нохунак, истифодаи нодурусти вергул, аломати тире вуҷуд дорад;
3. Ҳаҷми матни автореферати диссертатсия 45 саҳифаро ташкил намудааст, аз нигоҳи мо ва мувофиқи талаботи КОА зиёд аст.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, директори Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб **Шаҳбоз Рустамшозода** мусбат буда, дар радифи муваффақиятҳои диссертант дар он эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Ба назари мо, беҳтар мебуд, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ бояд дар асоси мавзуи мавриди таҳқиқ андешаронӣ намуда, натиҷаҳои амалии таҳқиқро ба таври муфассал дар бандҳои зиёд шарҳ медод;
2. Диссертант адабиёти зиёди илмиро истифода кардааст, вале аз чи бошад, ки аз муҳаққиқони машҳури дохиливу хориҷӣ хеле кам иқтибос овардааст;
3. Дар саҳифаҳои 3, 4, 5, 6, 19, 23, 36-и втореферат ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд;
4. Ҳаҷми матни автореферати диссертатсия 45 саҳифаро ташкил намудааст, аз нигоҳи мо ва мувофиқи талаботи КОА зиёд аст.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими ибтидоии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” **Шарифзода Шарифхон Хол** мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Муаллифи диссертатсия дар кори диссертатсионӣ адабиёти зиёди илмиро истифода кардааст, вале иқтибосоварӣ аз муҳаққиқони машҳури дохиливу хориҷӣ хеле кам ба назар мерасад;
2. Ҳамчунин, дар якчанд саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи

диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ **Шафоати Сангиҳмад** бори нахуст ба таҳқиқи вижагиҳои маънои воҳидҳои луғавӣ дар заминаи ашъори Хоқонии Шервонӣ пардохта, кори илмии муҳим ва арзишманд **ба анҷом расонидааст**;

- вижагиҳои осори шоир ва роҳҳои истифодаи воҳидҳои забон дар ашъори шоир дар заминаи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шуданд;**

- масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои луғавию маъноии воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ баррасӣ шуда, таснифоти вожаҳо дар ашъори Хоқонии Шервонӣ **муайян шудаанд;**

- вижагиҳои корбурди вожаҳои муродифӣ, мутазодҳо, омонимҳо ва калимаҳои сермаъно ва дараҷаи истеъмоли онҳо дар ашъори Хоқонии Шервонӣ **собит шудааст;**

- раванди инкишофи маъноии воҳидҳои луғавӣ дар заминаи ашъори Хоқонии Шервонӣ **нишон дода шудааст;**

- дар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва адабиёти илмию бадеӣ хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ ба таври мушаххас муайяну **муқаррар карда шуданд;**

- хусусиятҳои луғавӣ-маъноии як қатор воҳидҳои луғавии ашъори Хоқонӣ омӯзишу таҳлил гардида, бо ин васила, вижагиҳои таркиби луғавии забони адабии асри XII тоҷик **ошкор карда шуданд.**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир меёбанд, ки хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар самти омӯзиши вижагиҳои луғавию маъноии воҳидҳои луғавӣ дар асоси ашъори шоирону нависандагон хизмат намоянд. Натиҷаҳои таҳқиқ, инчунин, барои рушди забоншиносӣ, бахусус, маъношиносӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшудаи Шафоати Сангиҳмад метавонанд ҳамчун дастури илмию амалӣ барои мутахассисони соҳаи забоншиносӣ кумак расонанд. Нуктаҳои асосӣ ва амалии таҳқиқ метавонанд ҳангоми таҳия ва навиштани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Мавод, хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия метавонанд ҳангоми таҳия ва тадриси курсҳои лексионӣ аз фанҳои забоншиносии умумӣ, муқаддимаи забоншиносӣ, луғатшиносӣ, назарияи забон, инчунин, дар омӯзиши курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва дигар муҳаққиқон истифода шаванд.

Зимни таҳияи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назариявӣ таҳқиқи илмӣ ва таълифоти донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Ш. Кабиров, Ҳ. Маҷидов, Ҳ. Талбакова, Д. Хоҷаев, Х. Ҳусейнов, С. Сабзаев, М. Норматов, Ш. Ҳаитова, Ф. Шарифова, М. Ҷумъаев, М. Муҳаммадиев, Д. Фозилов, Қ. Мухторӣ, М. Солеҳов, М. Саломиён, Ж. Гулназарзода, С.Қ. Матробиён, О.Ҳ. Қосимов, Ҳ. Дӯстзода, У. Саъдуллоев ва дигарон истифода шудаанд.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар раванди таълими машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ аз фанни забоншиносӣ, бахусус, муқаддимаи забон, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва забони тоҷикӣ мавриди татбиқ қарор гирифта метавонанд.

Маводди диссертатсия метавонад дар таҳияи асарҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ, инчунин, дар омода намудани фарҳангномаҳои соҳавӣ ва баррасии масъалаҳои гуногуни марбут ба вижагиҳои луғавию маноии воҳидҳои забон мавриди истифода қарор гирад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо саҳеҳӣ ва муътамад будани маълумоти илмӣ, кофӣ будани маводди таҳқиқ, истифодаи усулҳои муосири таҳлил, коркарди илмии натиҷаҳо, инчунин, теъдод ва муҳтавои интишороти

илмии муаллиф асоснок мегардад. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар заминаи таҳлили амиқи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии мавзуъ таҳия шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои тавсифӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ ва ҷузъӣ ба таври мақсаднок истифода гардидаанд, ки онҳо барои муайян намудани раванди инкишофи маъноии воҳидҳои луғавӣ ҳамчун заминаи илмӣ фароҳам меоранд. Натиҷаҳои бадастомада барои муҳаққиқон, омӯзгорон, донишҷӯён ва мутахассисони соҳаҳои забоншиносӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маводди назариявӣ ва амалии масъала пешниҳод гардидаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад аз саҳеҳии маълумоти истифодашуда, мутобиқати ҳаҷми маводди таҳқиқ ба ҳадафу вазифаҳои кор, коркарди илмии натиҷаҳо, интишори натиҷаҳои асосии таҳқиқ ва интихоби дурусти методҳои илмӣ бармеояд. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои боэътимод, адабиёти илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ таҳия гардидаанд.

Саҳми шахсии муҳаққиқ, пеш аз ҳама, дар муайян намудани сатҳи омузиши семантикаи воҳидҳои луғавии ашъори Хоқонӣ ифода меёбад. Муаллиф самтҳои асосии таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои марбут ба маъношиносӣ ва луғатшиносиро муайян намуда, гурӯҳҳои маъноии вожаҳо ва хусусиятҳои истифодаи онҳоро дар ашъори шоир мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Ҳамчунин, диссертант бо такя ба маводди фаровони илмии забоншиносон вижагиҳои маъноӣ ва хусусиятҳои семантикии ашъори Хоқониро муайян ва таҳлил намудааст.

Пешниҳод, коркард, таҳлилу баррасии мавзуи диссертатсионӣ аз фаъолияти илмию ҷустуҷӯҳои мустақилонаи муаллиф шаҳодат дода, саҳми шахсии ӯро дар гирдоварӣ ва таҳқиқи манобеи илмию амалӣ роҷеъ ба семантикаи воҳидҳои луғавии забони тоҷикӣ ва, дар ин замина, муайян намудани хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии вожаҳо мушаххас мекунад.

Муаллифи диссертатсия бо истифода аз равишҳои илмии риштаи забоншиносӣ дар баррасии масъалаҳо, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба

низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти минбаъда, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 4-уми июли соли 2026 дар бораи сазовор донистани Шафоати Сангиҳмад бо дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2026, №53/шд) 14 нафар, аз ҷумла, 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон иштирок доштанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нестанд.

**Раиси ҷаласа:**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Каримзода Ш.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳ.Т.

«4» июли соли 2026